**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи ФОЗИЛОВ ҶАЛОЛИДДИН ДУСТМУРОДОВИЧ дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст**

Олу, яке аз дарахтони донакдори тез ҳосилдиҳанда ва мевааш дорои хусусиятҳои беҳтарини табобатию ғизоӣ ба ҳисоб меравад.

Дар рушди соҳаи боғпарварии Тоҷикистон дарахтони донакдор, ва аз ҷумла навъҳои интродуксионии олу, барои амалӣ гардонидани нақшаҳои стратегии Хукумат ҷиҳати таъмини амнияти озукаворӣ нақши муҳим дорад.

Аз ин ҷост, ки рисолаи илмии мазкур маҳз ба дарёфти роҳҳои ҳалли масъалҳои зерин дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон бахшида шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқотҳои унвонҷӯ Фозилов Ҷ. Д. дар он аст, ки бори аввал дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқшавии навъҳои интродуксионии олу ба шароити номусоиди табиӣ дар радифи тағирёбии глобалии иқлим омӯхта шуд. Ва дар асоси омӯзиш самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави олу дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон муайян карда шуд.

Навъҳои нави интродуксионии олу ба монанди Кабардинская ранняя, Блю фри ва Стенлей, ҳамчун навъҳои ояндадор барои парвариш дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон тавсия дода шудааст.

Аз натиҷаи баҳодиҳии ҳосилнокии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғара муайян гардид, ки дар солҳои тадқиқот ҳосилнокии баланд ба ҳисоби миёна дар навъҳои Блю фри – 15,4; Стенлей – 13,8 ва Кабардинская ранняя – 13,8 т/га ташкил дод. Самаранокии баланди парвариши навъҳои интродуксионии олу ба монанди Кабардинская ранняя – 127,6%, Блю фри – 79,5% ва Стенлей - 101,9% дар шароити ноҳияи Данғара муайян карда шуд.

Натиҷаҳои тадқиқот дар 13 маводҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 мақола дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назариявии нашр шудаанд.

Автореферати Фозилов Ҷалолиддин Дустмуродович дар асоси талаботҳои “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, ҷавобгу мебошад.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Доктори илмҳои кишоварзӣ,
аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии
растаниҳои кишоварзӣ, дотсент,
директори Маркази биотехнологии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Х.И.Бобоҷонова

Суроға: 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Маяковский 22, х.30.
Тел: (+992) 907-56- 67-77. E-mail: bobojankh_7@bk.ru

Имзои Х.И.Бобоҷонова-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э.Ш. Шодихонзода
03.12.25

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдаки 17.
Тел: (+992 37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj